"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
_____________________ Мирализода А. М.
"____" ____________ 2021 сол

# ТАҚРИЗИ

Муқарризи расмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илмҳои география, дотсент мудири кафедраи география ва туризм Баротов Ҷумахон Қосимович ба диссертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯи: "Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25. 00. 36 – геоэкология.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муайян карда шудааст, ки тадқиқотҳои илмии сершумор нисбати ҷараёнҳои экзогенӣ, усулҳои коркарди геоэкологии офатҳои геодинамикӣ афзалият дошта бошанд ҳам, вале, то ҳол таҳлили саҳроӣ ва методикаи омӯзиши ҷараёнҳои геодинамикӣ бо дараҷаи кофӣ коркард ва омӯхта нашудааст.

Дар сарчашмаҳои илмӣ тасвири ҳодисаҳои фалокатовар тавассути истифодаи мафҳумҳои зиёд амалӣ карда мешавад, ки мафҳуми "ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои хавфноки табиӣ" аз ҳама умумӣ мебошад. Мафҳуми "ҳодисаҳои пайдоиши табиӣ", ки аз ҷиҳати шиддатнокӣ, миқёс ва давомнокии худ ба муҳити табиӣ, ҳаёти одамон, зарари иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва таъсири манфии онҳоро инъикос менамояд, то ҳол ин ҷабҳаҳо таҳлили пурраи худро наёфтаанд.

Муаллиф дар тадқиқоти илмии худ ба меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқуллодаи характери табиӣ ва техногенӣ дошта" мушаххасан такия намудааст ва ҷанбаҳои гуногуни он дар натиҷаи тадқиқотҳо муайян карда шудааст.

Тадқиқоти илмии унвонҷӯ ба масъалаҳои мубрами илми геоэкология, барқароркунии ҷараёнҳои геодинамикии офатҳои табиӣ ва истифода барии устувори сарватҳои табиӣ бахшида шудааст. Мавзӯъхои тадқиқотии илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, ба барномаҳои мақсадноки давлатӣ барои солҳои 2011- 2015 (қайди рақами давлатӣ № 0102 ТД 969 аз 13.04 2011), ҳисоботи 0216 TJ 01739 аз 08. 12.16 с., №936/ 01.3 3/и, Душанбе, с.2016., 184с.) ва барои солҳои 2017- 2021 (қайди рақами давлатӣ №0117 TJ 00843 аз 20.10.2017 с.) зич алоқамананд, метавон як кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобид.

**Навгонии илмии натиҷаҳои тадқиқот.** Таҳлили маҷмӯии ҳолати инкишофи ҳодисаҳои геодинамикии пайдоиши табиидошта дар Тоҷикистони Шимолӣ имконият медиҳанд, ки тадқиқотҳоро оиди пешгӯии хатарҳои табиӣ ва таъсири хусусиятҳои геодинамикӣ ба шидатнокии фалокатовариҳо дар табиат ибтидо бахшидааст:

- Муайян кардани ҳолати ноустувории ҳудудҳо, ки дараҷаи ҷараёнҳои гидрометеорологӣ ва гравитатсиониро ба манбаи хатарнок оварда мерасонад, коркард карда шудааст;

- аввалин маротиба тавсияҳои методӣ оид ба паст кардани хафи регионалӣ дар ҳудуди Тоҷикистони шимолӣ дар асоси маълумотҳои саҳрой пешниҳод гардидааст.

- сабабҳои пурзӯркунандаи ҳодисаҳои геодинамикӣ, ки дар водиҳои дарёҳои қаторкӯҳи Курама рӯйдиҳанда омӯхта шуда, ошкор карда шуд, ки ҳодисаҳои гравитатсионӣ дар ҳавзаҳои обғундорӣ рӯй медиҳанд. Дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Туркистон ва кӯҳи Муғул зиёдшавии майдони санглохӣ, таназзули қабати хокӣ, эрозияи хаттӣ рӯй дода истодааст, ба тартиб даровардани нишебиҳо аз рӯи дараҷаи хафнокии табиӣ ва зарурияти чораҳои ҳифзи табиат андешидан пешниҳод карда шудааст;

- Дар территорияи омӯхташаванда объектҳо муайян ва таҳқиқ карда шудааст, ки мониторинги аввалин ба мақсади огоҳонидан ва пайдо шудани хатарҳои табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ зарур аст.

**Мақсад ва вазифаи тадқиқот.** Мақсади асосии рисолаи диссертатсионии М,М. Абдураҳимоваро дар тадқиқотӣ омӯзиши ҷараёнҳои геоэкологӣ, сабабҳои пайдоиши равандҳои экзогенӣ ва эндогенӣ дар мухити мураккаби геоморфологии ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ бояд фаҳмид. Аз ин лиҳоз вазифаҳои зерин иҷро гардидааст:

- баҳодиҳии хатарҳои геодинамикӣ, ки пайдоиш ва инкишофи он ба ҷараёнҳои экзогенӣ вобаста мебошанд;

- омӯхтани робитаҳои мутақобилаи мураккаби дигаргунии ҷиддии харобиовари хатарноки эндогенӣ, ки тағйирёбии мусоид ва номусоидро ба вуҷуд меоранд;

- пешгӯии ҳудудҳои худмухтор (автономӣ), ареалҳои паҳншавии чараёнҳои геодинамикӣ ва заминҳои вайроншуда, барқароркунии (реабилитатсия)-и инноватсионии ҷараёнҳои фаъоли геодинамикӣ;

- муайян кардани самтҳои асосии ҷараёнҳои геодинамикӣ, идоракунӣ ва пешгӯии таназзули ҳудудҳои табиӣ;

- баҳодиҳӣ ба ҳолати муосири хавфҳои геодинамикӣ дар шароити фаъолшавии офатҳои табиӣ,

**Усулҳои тадқиқот ва маводҳои истифодашуда.** Асосҳои методии кори диссертатсиониро усулҳои анъанавии геоэкологӣ ташкил кардаанд: мушоҳида, оморӣ, саҳроӣ, ноҳиябандӣ, баҳодиҳӣ, холдиҳӣ дар якҷоягӣ бо умумигардонии маводҳои фондӣ ва адабиётӣ. Манбаи асосии маълумотҳои ҳақиқии маводи саҳроӣ ва адабиётӣ, бойгонии Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотномаҳо ва бюллетени ахбордиҳӣ оиди ҷараёнҳои геодинамикӣ, инчунин манбаъҳои боэътимод доир ба ҳодисаҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди вилояти Суғд ташкил менамоянд. Дар интихоби меъёри хатар ва хавфи ҷараёнҳои геодинамикӣ ҳуҷҷатҳои раҳнамокунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос истифода шудааст.

**Дараҷаи навгонии илмии тадқиқот ва натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф.** Навовариии тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки:

- Муайян кардани ҳолати ноустувории ҳудудҳо, ки дараҷаи ҷараёнҳои гидрометеорологӣ ва гравитатсиониро ба манбаи хатарнок оварда мерасонад, коркард карда шавад;

- Аввалин маротиба тавсияҳои методӣ оид ба паст кардани хавфи регионалӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ дар асоси маълумотҳои саҳрой гузаронида шуд.

- Сабабҳои пурзӯркунандаи ҳодисаҳои геодинамикӣ, ки дар водиҳои дарёҳои қаторкӯҳи Қурама рӯйдиҳанда омӯхта шуда, ошкор карда шуд, ки ҳодисаҳои гравитатсионӣ дар ҳавзаҳои обгундорӣ рӯй медиҳанд. Дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Туркистон зиёдшавии майдони санглохӣ, таназули қабати хокӣ, эрозияи хаттӣ рӯй дода истодааст; ба тартиб даровардани нишебиҳо аз рӯи дараҷаи хафнокии табиӣ ва зарурияти чораҳои ҳифзи табиат андешидан пешниҳод карда шудааст;

- Дар территорияи омухташаванда объектҳо муайян ва таҳқиқ карда шудааст, ки мониторинги аввалиннавбат ба мақсади огоҳонидан ва пайдо шудани хатарҳои табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистони шимолӣ зарур аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот.** Таъмини вазъи мусоиди муҳити зист, ба пояи устувор гузоштани ҳалли проблемаҳои инноватсионӣ-геоэкологӣ, ки чузъи асосии идоракунӣ ва пешгӯии муҳити табиӣ буда, натиҷаи он дар баланд бардоштани илми геоэкология, тахассуси кормандон, таъмини рушди нерӯи ақлӣ ва тайёр намудани кадрҳо, дар сатҳи талаботи муосир бошад.

Бандҳои алоҳида ва натиҷаҳо дар намуди тавсияҳо аз ҷониби Кумитаи Ҳолатҳои фавкулода ва Муҳофизати шаҳрвандии вилояти Сугд истифода шавад.

Бандҳои методӣ тадқиқотҳои мазкур ба инкишофи минбаъдаи назарияи самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ лоиҳаҳои фаъолияти хоҷагии калонмиқёс мусоидат мекунад, ки фалокатовариҳои геодинамикии муосирро дар нишебиҳо истисно карда баландшавии маҳсулноки онҳоро таъмин мекунанд.

Кори диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки ба ҳалли проблемаҳои инноватсионӣ-геоэкологии идоракунии офатҳои табиӣ машғул шавем, зеро он ҷузъи асосии сарватҳои табиии Тоҷикистони Шимолӣ аст. То ҳол воқеияти истифодабарӣ, омӯзиши амалии геоэкологии он ҳамчун проблемаи ҳалнашуда боқӣ мондааст, амалӣ гардад.

**Камбудиҳо дар нашри муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия.**

Диссертатсияи мавриди баррасӣ карордашта дорои як қатор камбудиҳои тарроҳӣ ва мундариҷа мебошад.

•Дар рисолаи диссертатсионӣ маълумот оиди ҷараёнҳои геодинамикии шориши сатҳи литосфера дар ҳавзаҳои обғундори сойҳои хурди қаторкӯҳи Курама пурра инъикос карда нашудааст.

•Баъзе намуди офатҳои табиӣ ба монанди карст, фурунишинӣ дар массивҳои Сомғор ва Ашт таҳлили худро наёфтааст.

•Харитаҳои ноҳияҳои Б. Ғафуров ва Ашт аз тарафи, ки мураттаб гардидааст номаълум аст.

Камбудиҳои мавҷуда хусусияти бунёдӣ надорад ва эътибори илмии диссертатсияро коҳиш дода наметавонанд.

**Бандҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд.** Бандҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда. пурра мезмуни диссертатсия ва автореферартро иникос мекунад:

- геодинамика хатарҳои табииро фаъол мегардонад ва фалокатовариҳоро хуруҷ мекунонад, дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ аз харакатхои ногаҳонии экзогенӣ ва эндогенӣ вобаста аст;

- хатарҳои геодинамикӣ ба инкишофи Тоҷикистони шимолӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва регионалӣ таъсири муайянкунанда мерасонанд. Қувваҳои вайронкунандаи офатҳои геодинамикӣ ба оқибатҳои бузурги геоэкологӣ аз ҷумла: иҷтимоӣ, иқтисодӣ қобилият дорад, чун бевосита - талофоти аҳолӣ ва сарватҳои молӣ, чун бавосита - ноустувории ҳолати иқтисодӣ ва геоэкологӣ;

- ҳолати имрӯзаи хатарҳои геодинамикӣ дар шароити тез инкишофёбии офатҳои табиӣ тадкиқотҳои гуногуни геоморфологӣ, географӣ, метеорологӣ ва гидрологиро дар ноҳияҳои алоҳида талаб мекунад, ки дар онҳо фавти одамон, вайроншавии хонаҳои истиқоматӣ ва иншоотҳо зарари калони ичтимоию иқтисодӣ меоранд, рафтори тафриқавӣ баҳодиҳиро талаб мекунанд;

- вобаста бо азхудкунии худудҳои кӯҳӣ дар самти амудӣ масъалаҳои тараққиёти устувори хоҷагии халқ аввалиндарача мегарданд, Таҳлили корҳои комплексии гузаронида шуда имконият медиҳад, ки тадқиқотҳои илмиро оиди пешгӯии хатарҳои геодинамикӣ ва таъсири хусусиятҳои метеорологӣ ба шидатнокии офатҳои табиӣ оғоз карда шавад.

**Тасдиқи нашри муқаррароти асосӣ, натичаҳо ва хуллосаҳои диссертатсия.** Чузъҳои асосии диссертатсия дар 24 мақолаҳои илмӣ ва дар ичроиши корҳои илмӣ-тадқиқотии фармоиши ВМ ва илми ҶТ барои солҳои 2011- 2015 (қайди №0102 ТД 969 аз 13.04 2011), ҳисоботи 0216 TJ 01739 аз 08. 12.2016, 184 с., инчунин ҳисоботи солонаи КИТ, барои солҳои 2017- 2021 (қайди №0117 TJ 00843 аз 20.10.2017 с.) истифода шудааст, аз ҷумла дар 14 мақола дар мачалаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Онҳо мкқарраротн асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса иборат буда, дар 186 саҳифаи матни компютерӣ навишта шуда, 6 ҷадвал, 21 харита ва расм, рӯйхати номгӯи 131 адабиёти истифодашуда оварда шудааст.

**Мувофиқати автореферат бо мазмуни диссертатсия.** Мазмуни диссертатсия ва автореферат ба бандҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, пурра ба ихтисоси 25.00.36- геоэкология мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Абдурахимова Мавзуна Мухсиновна дар мавзӯи “Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)” аз рӯи тадқиқотҳои геодинамикӣ ва нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳое,

ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯ аст. Ба калиди рамзи Шӯрои диссертотсионии 6D КОА - 053 мувофиқат мекунад ва сазовор донистан ба номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология арзанда аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи география ва туризми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима карор дода шуд.

Суратҷаласаи № 7 аз 8 феврали соли 2021

Дотсент, мудири кафедраи география
ва туризми Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, номзади
илмҳои география Баротов Ҷ.Қ.

Суроға ш. Кӯлоб, кучаи С. Сафаров, 16
ДДК ба номи А. Рудакӣ
тел. 985257478,

Имзои Баротов Ҷ.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.